**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адхамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 136/02
аз «12» 09 соли 2024

Агентии стандартизатсия,
метрология, сертификатсия ва
нозироти савдои назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи ба охир расидани муҳлати машварати оммавӣ оид ба огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012, №310»

Маркази миллии қонунгузорӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардидаро, ки дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2024 ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Машварати оммавӣ нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи мазкур аз 12 август то 12 сентябри соли 2024 гузаронида шуд.

Огоҳинома бо дарназардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гардидааст. Тибқи қисми 3 моддаи 35 Қонуни зикргардида, субъекти таҳиякунанда оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани он ҳуқуқ дорад.

Дар сурати қабули қарор оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқи банди 12 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст, дар хусуси огози машварати оммавӣ субъектҳои манфиатдорро тариқи хаттӣ огоҳ созед.

Директор Саидзода И.Ҳ.